**ХУЛОСАИ**
**ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА (PhD), ДОКТОР АЗ РӮИ ИХТИСОСИ 6D050900- МОЛИЯ (6D050901- МОЛИЯ, МУОМИЛОТИ ПУЛӢ ВА ҚАРЗ)**

**Парвандаи аттестатсионии №_______________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 15.09.2023, №24**

Барои сазовор донистани Амонова Дилором Абдувахидовна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D050900- Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз).

Диссертатсияи Амонова Дилором Абдувахидовна дар мавзуи «Роҳҳои мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D050900- Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) санаи 31 майи 2023 дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №35 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14) ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №13/шд таъсис дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Амонова Дилором Абдувахидовна шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 02-юми декабри соли 1983 дар шаҳри Душанбе таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2002 ба факултаи молия ва қарз, ихтисоси молия ва қарзи Донишкадаи соҳибкори ва хизмати Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон) дохил шуда, соли 2007 онро бомуваффақият хатм намудааст. Соли 2016 ба факултаи молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ба ихтисоси молия ва қарз ба ҳайси магистрант қабул гардида, соли 2018 онро бомуваффақият хатм намудааст. Давоми солҳои 2018-2021 докторант PhD-и кафедраи идоракунии молияи давлатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон маҳсуб меёфт.

Диссертатсия дар кафедраи идоракунии молияи давлатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст.

Пас аз хатми Донишгоҳ то ба ҳол дар вазифаҳои зерин фаъолият намудааст:

- солҳои 2003-2018 – танзимгари шуъбаи рӯзонаи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- солҳои 2018-2022 – ассистенти кафедраи идоракунии молияи давлатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- аз соли 2022 то ҳол муаллими калони кафедраи идоракунии молияи давлатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият дорад.

**Роҳбари илмӣ:**

**Солеҳзода Ашурбой Абдувоҳид** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини аввали вазири рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии Данғара;

**Яқубзода Маъруф Садруддин** - доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси – молия, мудири шуъбаи идоракунии сифати таҳсилоти Донишгоҳи технологии Тоҷикистон;

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи молия ва қарзи ДДҲБСТ номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Каримова М.И. таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи молия ва қарзи дар ДДҲБСТ баррасӣ ва муҳокима карда шуда (суратҷаласаи № 11, аз 30.06.2023с.), аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифзода Муъмин Машокир тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Амонова Дилором Абдувахидовна дар мавзуи «Роҳҳои мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», кори илмию таҳқиқотии мустақилона баитмомрасида дониста шуда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисос, ки бо “Низомномаи шурои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Амонова Дилором Абдувахидовна барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) сазовор мебошад. Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 16 интишороти илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

**Феҳристи корҳои чопшудаи муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия**

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

[1-М]. Амонова Д.А. Таҳлили хароҷоти буҷети давлатӣ ва нақши онҳо дар рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат [Матн]. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: Сино, 2020. - № 5.– саҳ. 24 - 30. **ISSN – 2413-5151**

[2-М]. Амонова Д.А. Таҳлили идоракунии андозҳои давлатӣ ва такмили онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Паёми политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С.Осимӣ. Маҷаллаи илмӣ. Бахши интеллект, инноватсия ва инвеститсия. – Душанбе: хиёбони акад. Раҷабовҳо, 10А, 2021. - № 1(53). – саҳ. 49-53. **ISSN – 2520-2235**

[3-М]. Амонова Д.А. Таҳлили идоракунии муносибатҳои байни буҷетӣ ва такмили онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. / Д.А. Амонова, А.А. Солеҳзода // Идоракунии давлатӣ. Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Саид Носир, 33. – 2021, № 4/2 (54). – саҳ. 66-75. **ISSN – 2664-0651**

[4-М]. Амонова Д.А. Амалигардонии алгоритми идоракунии молияи давлатӣ ва равандҳои асосии он [Матн] // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. – Душанбе: шуъбаи табъу нашри ДТТ, 2022. - № 4(42). – саҳ. 125-135. **ISSN – 2707-8000**

**Дар дигар нашрияҳо:**

[5-М]. Амонова Д.А. Баҳодиҳии устувории рушди ичтимоӣ – иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Маводи конфронси апрелӣ дар мавзуи “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон”. - Душанбе, 22-24 апрели соли 2017. – саҳ. 11-13.

[6-М]. Амонова Д.А. Приоритеты развития системы здравоохранения Таджикистана [Текст] // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ- назариявӣ дар мавзуи «Рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ва роҳҳои баландбардории он дар шароити ҷаҳонишавӣ». - Душанбе, 15-уми апрели соли 2017. – саҳ. 103-107.

[7-М]. Амонова Д.А. Механизми идоракунии давлатии раванди ичтимоӣ-иқтисодии минтақа [Текст] // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ- назариявӣ дар мавзуи «Рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ва роҳҳои баландбардории он дар шароити ҷаҳонишавӣ». - Душанбе, 15-уми апрели соли 2017. – саҳ. 108-110.

[8-М]. Амонова Д.А. Буҷети давлатӣ ва нақши он дар рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат [Матн] // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019-2021» ва «400-солагии Миробид Сайидои Насафӣ». – Душанбе, 20-27-уми апрели соли 2019. – саҳ. 278.

[9-М]. Амонова Д.А. Таҳлили таҷрибаи хориҷии муносибатҳои байни буҷетӣ [Матн] // Маводи конфронси байналмиллалии илмию амалӣ дар мавзуи «Саноатикунонии кишвар ва таъмини рушди босуботи иқтисодиёт». - Душанбе, 27-уми феврали соли 2020. – саҳ. 291-294.

[10-М]. Амонова Д.А. Ҷанбаҳои назариявии идоракунии молияи давлатӣ [Матн] // Маводи конфронси байналхалқии илмию амалӣ дар мавзуи «Истифодаи усулҳои муосири идоракунӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 26-ноябри соли 2020. – саҳ. 41-43.

[11-М]. Амонова Д.А. Асосҳои илмӣ-назариявии идоракунии молияи давлатӣ дар замони муосир [Матн] // Маводи конфронси байналхалқии илмию амалӣ дар мавзуи «Нақши муассисаҳо дар таъмини рушди устувори минтақа дар ҳошияи саноатикунонии босуръати мамлакат». – Кӯлоб, 13 ноябри соли 2020. – саҳ. 468- 471.

[12-М]. Амонова Д.А. Таҳлили хароҷотҳои буҷети давлатӣ дар соҳаи тандурустии мамлакат дар солҳои 2012-2019 [Матн] // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «30 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 2021. - саҳ. 1246-1250.

[13-М]. Амонова Д.А. Асосҳои назариявӣ ва ташаккулёбии молияи давлатӣ [Матн] // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи "Масъалаҳои такмили механизми молиявию қарзии рушди иқтисодиёти миллӣ". – Душанбе, 2021. – саҳ. 65-75.

[14-М]. Амонова Д.А. Хусусиятҳои идоракунии хазинавӣ ва назорати онҳо [Матн] // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмию - амалӣ дар мавзуи "Механизмҳои молиявию қарзии татбиқи ҳадафҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон". - Душанбе, 18 -уми феврали соли 2022. – саҳ. 339-346.

[15-М]. Амонова Д.А. Нақши сармоягузориҳои давлатӣ дар таъмини ҳадафҳои стратегии кишвар [Матн] // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи "Муаммоҳои низоми андозбандӣ дар шароити муосир". - Душанбе, 25 -уми ноябри соли 2022. – саҳ. 212-220.

[16-М]. Амонова Д.А. Таҷрибаи ҷаҳонии низоми хазинадорӣ ва идоракунии молияи давлатӣ [Матн] // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмию-амалӣ дар мавзуи «Ташаккули низоми идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» - Душанбе, 25-уми феврали соли 2022. – саҳ. 97-100.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. АСРОРЗОДА У.С. доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

1. Муаллиф чунин андеша дорад, ки трансфертҳои буҷетии аз ҳисоби ҳиссаҷудокуниҳо ба буҷетҳои маҳаллӣ ҷудошаванда дар сурати самаранок ва оқилона истифода гардиданашон ба беҳтаршавии идоракунии молияи давлатӣ мусоидат менамоянд (саҳ.20), вале ба таври муфассал баён насохтааст, ки алоқамандии зерин чи тавр амалӣ карда мешавад.

**2. САМАНДАРЗОДА И.Ҳ. доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур**

1. Аз автореферат маълум гардид, ки муаллиф аз барномаҳои ҳукуматӣ, стратегияҳо кам истифода намудааст. Ҳуб мешуд, ки чунин барномаҳо ва стратегияҳоро муаллиф васеътар истифода менамуд.

2. Дар автореферати диссертатсия хатогиҳои грамматикӣ ва имлоӣ ба назар мерасад, ки инҳо низ бояд ислоҳ карда шаванд.

**3. НАИМОВ Б.Қ. номзади илмҳои иқисодӣ, дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодии ДДБ ба номи Носири Хусрав**

1. Дар қисмати назариявии автореферати диссертатсия мавқеъи муаллиф кам ба назар мерасад, яъне ихтилофи назарҳо дида намешавад.

2. Дар матни автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешавад.

**4. КОМИЛОВ Н.Б. номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ**

**1.** Дар автореферат таҳлилҳои зиёде анҷом дода шудааст, аммо натиҷаҳои он дар хулоса ва тавсияҳои илмии автореферат нишон дода нашудааст.

**2.** Дар автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасад.

**5. МИРАЗИЗОВ А.Ҳ. номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон**

1. Дар автореферат муаллиф элементҳои арзандаро барои рушди низоми молиявии давлатӣ ва иқдисоди миллӣ аз таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ, барои татбиқ дар шароити Тоҷикистон таҳлил ва пешниҳод кардааст, вале хуб мешуд, ки мушаххас қайд мекард, ки таҷрибаи кадом давлат дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон хос аст.

2. Дар автореферат хатогиҳои истилоҳӣ, имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мешаванд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар асоснок карда мешаванд:** интихоби муқарризони расмӣ бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои мукаммалгардонии молияи давлатӣ, алалхусус самтҳои асосии идоракунии он, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст; интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***консепсияи муаллифии*** «идоракунии молияи давлатӣ» оид ба он, ки: «идоракунии молияи давлатӣ низоми муракаби амалигардонии сиёсати иқтисодию молиявӣ ва маҷмуи усулҳои идоракунии муосир мебошад, ки бо истифода аз воситаҳои банақшагирию дурнамосозӣ, таъсиррасонӣ, назорат, ташкил ва таъминоти иттилоотӣ, ҳамзамон ташаккул, захира ва тақсимоти захираҳои молиявӣ дар ҳамаи сатҳҳо ҷиҳати ноил шудан ба рушди устувори иқтисодӣ, мувозинати он, суботи молиявӣ ва ё дар маҷмуъ ҳадафҳои муайяни стратегӣ ва тактикии кишвар равона гардидаанд», ***тасҳеҳ ва пешниҳод шудааст***;

- ***исбот шудааст***, ки идоракунии молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва вазъи муосири иқтисоди ҷаҳонӣ бояд на танҳо дар ҳамбастагӣ бо рушди

муносибатҳои қарзӣ, балки инчунин бо баландбардории амалии ҳамаи зинаҳои низоми молиявии мамлакат арзёбӣ гардад.

- **фарзияи асили илмӣ** оид ба он, ки идоракунии молияи давлатӣ дар ташаккулёбӣ, тақсимот ва сафарбарнамоии захираҳои молиявӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодии мамлакат нақши калидӣ дошта, дар таъминоти амнияти умумии молиявӣ ва рушди устувори иқтисодӣ аҳамияти бунёдиро доро мебошад, ***исбот шудааст***.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:**

- ***муқаррароти*** таҳқиқоти илмӣ барои равшанӣ андохтан ва инкишофи назарияи молияи давлатӣ, пурра гардидани дониш дар бораи идоракунии самараноки молияи давлатӣ ***мусоидат мекунанд***.

- ***масоили мубрами*** идораи молияи давлатӣ, ки то кунун дар сатҳи зарурӣ посухи худро пайдо нанамудаанд, аз ҷумла масоили гузариш ба буҷетикунонии барномавӣ, истифодаи технологияи рақамӣ дар ин самт, такмили муносибатҳои байнибуҷетӣ ва маъмурикунонии андозҳо, самаранокии сармоягузориҳои давлатӣ ва дигар масъалаҳои ҳалталаб ҳаллу фасл шудаанд.

- ***хусусиятҳои хоси*** татбиқи идоракунии хазинавии сарчашмаҳои молиявии давлат ва назорати он баён гардида, нақши воситаи мазкур дар татбиқи самаранок идора намудани молияи давлатӣ ошкор карда шудааст.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок**

- **ғояи** идоракунии хазинавии сарчашмаҳои молиявии давлат ва назорати он дар татбиқи самаранок идора намудани низоми молияи давлатӣ пешниҳод карда шудааст.

- ***тавсияҳои илман*** асоснок пешниҳод карда шудаанд, ки трансфертҳои буҷетии аз ҳисоби ҳиссаҷудокуниҳо аз андозҳои умумидавлатӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ ҷудо кардашуда самаранок ва оқилона истифода бурда шаванд, то ки ба ташаккулёбии воситаҳои худии минтақаҳо мусоидат намоянд ва ба беҳтаршавии идоракунии молияи давлатӣ оварда расонанд.

- ***алгоритми*** асосноки татбиқи идоракунии молияи давлатӣ ва равандҳои асосии он таҳия гардида, механизмҳои институтсионалии мукаммалгардонии муносибатҳои молиявӣ пешниҳод гардидаанд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки:**

- ***натиҷаҳои*** таҳқиқоти методию назариявии гузаронидашуда дар оянда ҳамчун заминаи маълумот барои гузаронидани таҳқиқоти соҳаи молия, идоракунии молияи давлатӣ ва буҷет ва низоми буҷетӣ кумак мекунад.

- ***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муаллиф дар раванди таълимии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон зимни таҳияи лексия ва курсҳои махсуси амалӣ, ба монанди «Молия», «Буҷет ва низоми буҷетӣ», «Низоми

хазинадорӣ», «Назорати давлатии молиявӣ», «Мониторинги молиявӣ», «Идораи молияи давлатӣ»истифода шуда метавонанд.

- ***методология ва модели*** пешниҳодкардаи муаллифро дар фаъолияти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти маҳаллии давлатӣ, ташкилоти давлатӣ ва ғайридавлатии бахши давлатӣ барои баҳодиҳии самаранокии идоракунии молияи давлатӣ ва таҳияи тавсияҳо оид ба такмили низоми идоракунии молияи давлатӣ, ки ба самаранок истифода бурдани молияи давлатӣ равона карда шудааст, истифода бурдан мумкин аст.

- ***натиҷаҳои*** ҳосилшудаи таҳқиқоти илмӣ барои ташаккули низоми муассири идоракунии молияи давлатӣ самараи иқтисодӣ дода, дар шароити муносибатҳои нави иқтисодӣ аҳамияти илмию амалии таҳқиқотро ташкил медиҳад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- таҷрибаи муфиди татбиқи низоми хазинадорӣ ва идоракунии молияи давлатӣ дар мисоли давлатҳои унитарӣ бо назардошти мушаххасгардонии равияи илмии он дар ҷараёни идоракунии молияи давлатӣ илман асоснок карда шудааст;

- дар асоси таҳлили комплексии нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ, мақом ва нақши он дар низоми идоракунии молияи давлатӣ муайян карда шуда, зарурат ва мақсаднок будани интихоби он ҳамчун механизми идоракунии молияи давлатӣ асоснок карда шудааст.

- исбот шудааст, ки барои таъсис додани низоми самараноки идоракунии молияи давлатӣ дар сатҳи давлат, зарур аст, то унсурҳои асосии идоракунии он муайян карда шаванд ва аз ин нуқтаи назар яке аз вазифаҳои таъхирнопазир ва муҳимтарини давлат ин таъмини идоракунии самараноки молиявӣ ва назорати захираҳои молиявии давлатӣ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**

- дар муайян кардани ҳадаф, мавзуъ ва объекти таҳқиқот, мудаллал сохтани номгӯи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли онҳо, асоснок кардани заминаҳои назариявӣ ва методии таҳқиқот зоҳир мегардад.

- иштироки бевоситаи унвонҷӯ дар таҳқиқот тавассути интишори мақолаҳои илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия, баромадҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ ва илмӣ-назариявии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ, инчунин дар санҷиши амалии натиҷаҳои диссертатсия собит мешавад.

- иштироки шахсии унвонҷӯ дар ҷамъоварии маълумот, коркарди онҳо, тафсир, таҳлил ва банизомдарорӣ дар тамоми марҳилаҳои омӯзиш, таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба истифодаи ин маводҳо, таҳқиқоти таҷрибаи кишварҳои пешқадами дунё ҷиҳати истифодаи амалии онҳо дар идоракунии молияи давлатӣ зоҳир мегардад.

- дар омода намудани 16 мақола зоҳир мегардад, ки аз он ҷумла 4-адад мақолаи илмӣ дар нашрияҳои Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 аз санаи 15.09.2023 қарори сазовор донистани Амонова Дилором Абдувахидовна барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D050900- Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла мутахассисон 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D050900- Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) тарафдор - 15 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**15 сентябри соли 2023**